«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
«_16_» ___09___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ (суратҷаласаи № 2 аз 10.09.2026) мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла профессорон: Шарифзода Р.Я., Муллоҷонов С.К., Хоҷаев М.П., дотсентон: Асоев С.У., Баротзода Н.Б., Шоинбеков Ф.Н., муаллимони калон: Абдулҳаев Ш.И., Мирзоалиев И.Ҳ. ва лаборанти кафедра Н. Абдулло ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих Хоҷаев М.П. омода гардид, иброз менамояд, ки

диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) мутобиқат намуда, муҳтавои он ба талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯй мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи бостоншиносӣ ва омӯзиши мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ – таҳқиқи шаҳракҳо ва шаҳрҳо ва дигар ёдгориҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим бахшида шудааст. Роҳи бузурги абрешим дар тули асрҳои зиёд ҳамчун яке аз муҳимтарин роҳҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии миёни Шарқу Ғарб амал намуда, дар густариши робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии халқҳои минтақаҳои гуногун нақши муассир бозидааст.

Диссертант бо дарназардошти аҳаммияти таърихии Роҳи бузурги абрешим дуруст таъкид менамояд, ки яке аз шохаҳои муҳимми он аз водии Зарафшон гузашта, шаҳракҳо ва марказҳои шаҳрии ин минтақа дар низоми робитаҳои иқтисодию фарҳангии Шарқу Ғарб мавқеи муайянро ишғол мекарданд. Дар болооби водии Зарафшон як силсила ёдгориҳои муҳими бостоншиносӣ, аз ҷумла Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ, Ҳисорак, Мубораҷшоҳ, Охтонкӯрғон ва дигар шаҳракҳо ҷойгир буда, онҳо аз сатҳи баланди рушди шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва тиҷорат дар давраҳои гуногуни таърихӣ шаҳодат медиҳанд.

Мубрамии мавзуъ ҳамчунин бо зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеъ ва нақши шаҳракҳою шаҳрҳои болооби Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим вобаста мебошад. Бо вуҷуди анҷом ёфтани

таҳқиқоти сершумори бостоншиносӣ оид ба ёдгориҳои алоҳида, масъалаи таҳлили маҷмуии онҳо ҳамчун як низоми шаҳрӣ ва тиҷоратию фарҳангии ба масири Роҳи бузурги абрешим пайваст то ҳол аҳаммияти илмии худро нигоҳ медорад. Омӯзиши чунин масъала имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккул ва рушди шаҳрсозӣ, сохтори иҷтимоию иқтисодӣ, самтҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ, инчунин робитаҳои фарҳангии аҳолии маҳаллӣ бо минтақаҳои дигар дақиқтар муайян карда шаванд.

Таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба мероси Роҳи бузурги абрешим ва ворид гардидани як қатор ёдгориҳои он ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО зарурати таҳқиқи илмии ёдгориҳои ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла болооби водии Зарафшонро бештар намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим на танҳо барои равшан намудани саҳифаҳои муҳимми таърихи шаҳрсозӣ ва тамаддуни тоҷикон, балки барои муайян намудани ҷойгоҳ ва саҳми ин минтақа дар робитаҳои тамаддунии Шарқу Ғарб аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Бо назардошти ин омилҳо, мавзуи диссертатсияи мазкур мубрам буда, таҳқиқи он аз нигоҳи бостоншиносӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ дорои аҳаммияти муҳим мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, нишон медиҳад, ки** диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми бостоншиносӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия масоили омӯзиши шаҳру шаҳракҳо ва дигар ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим дар асоси маводи бостоншиносӣ, адабиёти илмӣ ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар бахши гузоришҳои илмӣ муаллиф тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро бо назардошти дараҷаи омӯзиши он дар илми

бостоншиносӣ муайян намуда, ҷанбаҳои асосии ташаккулёби Роҳи бузурги абрешим, нақши шаҳракҳо шаҳрҳо ва ёдгориҳои ҳамдаври ин роҳи аҳаммияти бузруги таърихидоштаро дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ба таври илмӣ таҳлил намояд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои маъмули таҳқиқоти таърихӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва низомнок, раванди ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим ва мавқеи ёдгориҳои таърихӣ, бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшонро дар равнақи муносибатҳои тиҷоратии миёни Шарқу Ғарб мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Барои асоснок намудани хулосаҳои илмии худ Юсуфзода Муҳаммадҷоон Шафеъ аз доираи васеи адабиётҳои илмӣ, маводди зиёди бостоншиносӣ ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст. Гузоришҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда бо далелҳои муътамад асоснок гардида, истифодаи маводи бостоншиносӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намудааст.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта такя намуда, аз таҳлили ҳамаҷонибаи маводди ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст мавзуи мавриди назарро ҳамаҷиҳата таҳлилу баррасӣ намуда, нақши ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшнро дар масири Роҳи бузурги абрешим, аҳаммияти онҳо дар рушди тоҷорати миёни Шарқу Ғарб ва масоили намоишу ҳифзи онҳоро нишон диҳад. Хулосаҳои пешниҳодшуда мантиқӣ буда, ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда мувофиқат менамоянд.

Дар бахши пешниҳодҳо муаллиф аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон дода, имкониятҳои истифодаи онҳоро дар таҳияи корҳои илмӣ оид ба бостоншинсии Тоҷикистон, омода намудани маводи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои махсус ва омӯзиши минбаъдаи бостоншиносӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, муассисаи пешбар таъкид менамояд, ки гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқот такя менамоянд. Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ дар сатҳи зарурии академӣ таҳия гардида, барои омӯзиши минбаъдаи масоили умдаи бостоншиносии минтақаҳои Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.**

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми диссертатсияро навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада ташкил медиҳад. Аз омӯзиши мазмун ва сохтори таҳқиқот бармеояд, ки муаллиф бори нахуст масъалаҳои омӯзиш, таҳлил ва арзёбии ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшонро дар иртибот ба масири Роҳи бузурги абрешим ба таври маҷмуӣ ва муназзам мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин замина, марҳилаҳои ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим даврабандӣ гардида, масъалаҳои пешниҳоди долони Зарафшон – Қароқум ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, тавсифи илмии ёдгориҳои қисми тоҷикистонии он, гурӯҳбандии шаҳракҳои болооби Зарафшон ва муайян намудани аҳаммияти онҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, робитаҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва меъмории ёдгориҳо, нақши онҳо дар равандҳои мубодила ва омезиши тамаддунҳои Шарқу Ғарб, инчунин аҳаммияти меъмории Панҷакенти қадим ҳамчун намунаи муҳими шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ муайян карда шудаанд. Ҷанбаи дигари муҳимми навгонии таҳқиқотро омӯзиши масъалаҳои осорхонакунонӣ, намоиш, муаррифӣ ва ҳифзи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон ташкил медиҳад.

**Саҳеҳии натиҷаҳои** бадастомада бо интихоби дурусти усулҳои **таҳқиқоти** таърихӣ, таҳлили илмии адабиётҳои илмӣ ва мувофиқати

хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои таҳқиқи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим аҳаммияти илмӣ доранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии натиҷаҳо** дар он ифода мееёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши амиқтари таъриху тамаддуни халқи тоҷик, бахусус ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон аз давраи антиқа то охири асрҳои миёна, аҳаммияти назаррас доранд. Муаллиф дар асоси таҳлили маводи мавҷуда ва маълумоти нави илмӣ заминаи муайяни назариявиро барои таҳқиқи минбаъдаи бостоншиносии минтақа фароҳам оварда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар пешбурди корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои бостоншиносӣ, омодасозии номинаҳои долонҳои Роҳи бузурги абрешим, таҳияи мақолаҳо ва монографияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи асарҳои дастаҷамъӣ оид ба таърихи халқи тоҷик истифода шаванд. Ҳамзамон, мазмун ва хулосаҳои диссертатсия барои таҳияи маводи таълимӣ ва таълими курсҳои академии «Асосҳои бостоншиносӣ», «Бостоншиносии асримиёнагӣ», «Кишваршиносӣ» ва дигар фанҳои марбут ба таъриху фарҳанги Тоҷикистон аҳаммияти ёрирасон доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурусти ва асоснокии натиҷаҳои** таҳқиқот бо саҳеҳӣ ва дақиқии маълумоти истифодашуда, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи таҳлили илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои корҳои назариявию таҷрибавӣ-саҳроӣ таъмин гардидааст. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси таҳлили муқоисавӣ ва илмии маводи таърихию бостоншиносӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва маълумоти бадастомада аз корҳои саҳроӣ, аз ҷумла ҳафриёти бостоншиносӣ, таҳия шудаанд. Ҳаҷм ва гуногунҷанбаи маводи истифодашуда имкон додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои мушаххас асоснок гардида, масъалаҳои мавриди омӯзиш воқеъбинона арзёбӣ шаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ такя намуда, бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат доранд. Ин омилҳо саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар** таҳқиқи масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, дар интихоби самти таҳқиқ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои илмӣ, инчунин таҳияи заминаи сарчашмашиносии диссертатсия зоҳир мегардад. Муаллиф мустақилона маводи заруриии таҳқиқотиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро мавриди таҳлилу арзёбии илмӣ қарор додааст.

Муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба ёдгориҳои мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим аз ҷониби довталаб мустақилона ва бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, ҷамъбаст ва арзёбии илмии маводи марбут ба таърихи ташаккул ва рушди ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшон, инчунин дар таҳияи хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки довталаб дар анҷоми таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ қобилияти зарурӣ дошта, саҳми шахсии ӯ дар таҳияи диссертатсия назаррас мебошад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқи дар маҷаллаҳои тақризшаванда. Натиҷаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мазмун ва мундариҷаи онҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос мекунанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо

ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - Бостоншиносӣ) кори илмии баитмомрасида ба ҳисоб рафта, мутобиқи талаботи бандҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият дароварда шудааст.

**Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 181 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, мавод аз рӯйи принсипи проблемавию хронологӣ ҷойгир карда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Таҷрибаи ватании омода намудани номинаи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим»** номгузорӣ шуда, ба масъалаҳои умумии таърихӣ ва таҷрибавии омӯзиш, номинасозӣ ва ҳифзи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим бахшида шудааст. Дар ин боб раванди ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим, марҳилаҳои таърихии он, инчунин аҳаммияти долонҳои таърихию фарҳангии он дар робитаҳои байни минтақаҳои Шарқу Ғарб баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, мавқеи долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд ва долони Зарафшон – Қароқум дар масири Роҳи бузурги абрешим таҳлил карда шуда, масъалаи ворид намудани мероси мазкур ба

Феҳристи Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм **«Мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон»** ном дошта, қисми асосии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар ин боб маҷмуи объектҳои мероси бостоншиносии қисми Тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқум мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои таърихию бостоншиносӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим муайян карда шудаанд. Муаллиф ба масъалаи шаҳракҳои болооби водии Зарафшон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои ҷойгиршавӣ, аҳаммияти таърихию фарҳангӣ ва нақши онҳоро дар масири Роҳи бузурги абрешим муайян намудааст. Арзиши илмии ин боб пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ёдгориҳои бостоншиносӣ ва шаҳракҳои минтақа ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди як низоми таърихию фарҳангӣ баррасӣ шудаанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки нақши болооби водии Зарафшон дар рушди шаҳрсозӣ, иқтисод, тиҷорат ва муносибатҳои фарҳангии замони мавҷудияти Роҳи бузурги абрешим равшантар муайян карда шавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Шаҳрсозӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим ва усулҳои намоиши мероси таърихию фарҳангӣ»** ном дошта, ба масъалаҳои таҳлилии шаҳрсозӣ, робитаҳои тиҷоратӣ, ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои бостоншиносӣ, инчунин ҳифз ва намоиши мероси таърихию фарҳангии болооби водии Зарафшон бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф робитаи байни ҷойгиршавии шаҳракҳо ва шаҳрҳо, роҳҳои тиҷоратӣ ва хусусиятҳои муҳити меъмории онҳоро таҳлил намуда, Панҷакенти қадимро ҳамчун намунаи муҳимми шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ мавриди баррасии махсус қарор додааст. Ин таҳлил барои дарки хусусиятҳои ташаккули марказҳои шаҳрӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти иқтисодию фарҳангии ҷомеаҳои қадим аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, масъалаи усулҳои намоиши мероси бостоншиносӣ ва ҳифзи ёдгориҳо дар шароити муосир матраҳ гардида, зарурати истифодаи усулҳои муосири муаррифӣ, ҳифзи муҳити таърихию фарҳангӣ ва самаранок истифода намудани имкониятҳои мероси бостоншиносӣ барои рушди маърифатӣ ва сайёҳӣ нишон дода шудааст. Аз ин ҷиҳат, боби сеюми диссертатсия хусусияти ҷамъбасткунанда дошта, натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносиро бо масъалаҳои шаҳрсозӣ, меъморӣ, ҳифз ва муаррифии мероси таърихию фарҳангӣ пайваст менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокkунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо риояи меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, тарзи ороиш ва сохтори он ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Тахассуси илмии довталаб Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6D020801 – Бостоншиносӣ мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат дастгирӣ меёбад, ки муаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ маводи фаровони таърихию бостоншиносиро ҷамъоварӣ ва ба низом даровarда, бо истифода аз

муносибати илмӣ масъалаҳои мавриди таҳқиқро пайдарпай баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои пешниҳодшуда ба таҳлили воқеии маводи таърихию бостоншиносӣ такя намуда, барои ташаккули тасаввуроти мукаммал оид ба таърихи ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим, ҳамчунин, нақши шаҳру шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дар инкишофи муносибатҳои тиҷоратии Шарқу Ғарб мусоидат менамоянд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия ҷойгиршавии шаҳрҳо ва шаҳракҳои мавриди таҳқиқ нисбат ба роҳҳои қадимаи иртиботӣ ба таври умумӣ нишон дода шудаанд. Агар самт ва масофаи онҳо нисбат ба роҳҳои эҳтимолии Шоҳроҳи Абрешим мушаххастар нишон дода мешуд, мазмун ва арзиши илмии кор боз ҳам беҳтар мегардид.

2. Дар диссертатсия нақши шароити табиӣ ва хусусияти релефи кӯҳистон дар пайдоиш ва ҷойгиршавии шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон нисбатан камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

3.Ёдгориҳои болооби водии Зарафшон махсусан шаҳру шаҳракҳо бо дигар ёдгориҳои ҳамзамони худ камтар муқоиса карда шудаанд, зеро чунин муқоиса барои муайян намудани хусусияти маҳаллӣ ва иртиботи фарҳангии минтақа имконияти бештар фароҳам меоварад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникии ҷузъӣ ба назар мерасанд аммо онҳо наметавонанд арзиши илмии диссертатсияро коста гардонанд.

Камбудиҳои зикршуда ба арзиши илмӣ ва сатҳи баланди таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи диссертант метавонад барои такмили бештари корҳои илмӣ ва самаранокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020801 – Бостоншиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқарраршуда пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Муаллифи диссертатсия Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хоҷаев М.П. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 сентябри

соли 2026 тахти суратҷаласаи № 2, дар асоси натиҷаҳои баррасии диссертатсия, маърузаи довталаб, муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 9 нафар иштирок намуданд, аз ҷумла 6 нафар дорандаи дараҷаҳои илмӣ мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих
дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим,
асрҳои миёна ва бостоншиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Баротзода Нигина Барот

Ташхисгар, дотсенти кафедраи таърихи дунёи
қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори
илмҳои таърих Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич

Котиби ҷаласа Абдулҳаев Шокир Исмоилович

Имзои Баротзода Н.Б., Хоҷаев М.П.,
ва Абдулҳаев Ш.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«10» 09 с. 2026

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. Рӯдакӣ 17.